Акобир Шарифӣ

# Амаки милиса



Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон

USAID
АЗ МАРДУМИ АМРИКО

**Акобир Шарифӣ**

# АМАКИ МИЛИСА

ДУШАНБЕ
МАОРИФ
2018

УДК 820/89/93+891,550
ББК 84 Тоҷик 7-4+83,8
Ш-30

Ш-30. **Акобир Шарифӣ.** Амаки милиса. — Душанбе, — Маориф, 2018. 16 саҳ.

ISBN 978-99947-1-554-1
© Маориф, 2018.

## Амаки милиса

Ба Анвар модараш либосҳои нав пӯшонду ҳар ду ба кӯча баромаданд. Мағоза хеле дур буд. Очаву бача то истгоҳ пиёда рафта, ба автобуси сурхи калон нишастанд. Баъд аз автобус фуромада, боз пиёда роҳ гаштанд.



Дар роҳ бачаҳо ба сару либоси нави Анвар бо ҳавас нигоҳ мекарданд. Анвар аз хурсандӣ мехост ба ҳама бо овози баланд бигӯяд, ки имрӯз рӯзи таваллуди ӯро ид мекунанд. Ба мағоза ҳам расиданд. Дар мағоза одам бисёр буд.

Модараш Анварро дар як гӯшае монду «то омадани ман, аз ҷоят наҷунб!» — гӯён худаш рафта ба навбат истод.

Аммо Анвар зуд зиқ шуд ва аз паси тирезаи мағоза пуфакфурӯшро дида, ба кӯча баромад. Фурсате пуфакҳои калони сабзу сурхро тамошо карда истод. Ногоҳ назараш ба дохили мағоза афтод. Он ҷо бозичаҳои бисёре меистоданд, ки баъзеи онҳоро Анвар бори аввал медид. «Ҳозир рафта модарамро мегӯям, ки аз ин бозичаҳо харида диҳад», — қарор дод ӯ ва зуд қафо гашта ба мағоза даромад, аммо ба мағозаи дигар. Ҳар як зани куртаи кабуд пӯшидагиро ки дид, давида мерафту «оча» гуфта ҷеғ мезад, вале ҳамин ки он зан қафо гашта ба ӯ нигоҳ кард, ноумед шуда пас мегашт.

Баъди кофтукови зиёде Анвар зор-зор гирякунон ба кӯча баромад.



Дар ин вақт милисионере, ки аз кӯча мегузашт, Анварро дида монд. Вай мошинашро дар канори роҳ монда, худаш ба пеши Анвар омад.

Анвар милисионерро дида чунон сахт тарсид, ки ҳатто овозаш набаромада монд.

Тарсидани Анвар сабаби калон дошт.

Анвар баъзан бисёр бачаи шӯх ва гапнодаро мешавад. Хусусан ба гапи бибиаш гӯш намекунад, ӯро азоб медиҳад.

Ҳар гоҳ, ки модари Анвар дар хона набошад, ягона ёрдамчии бибии бечора «милиса» мешавад. Агар Анвар шӯхӣ кунад ё худ гапашро нагирад:

— Шӯхӣ накун, ана милиса омад.

Ё ин ки мегӯяд:

— Ҳозир милисаро ҷеғ мезанам, гирифта мебарад.

— Ба куҷо мебарад? — гуфта савол медиҳад Анвари кунҷков.

— Ба як хонаи торик.

— Дар хонаи торик бозича ҳаст?

— Нест.

Анвар як лаҳза фикр карда меистаду баъд мепурсад:

— Набошад чаро дирӯз милиса шумоя набурд?

— Ман чӣ кор кардам?

— Пиёларо афтонда шикастед-ку.

— Надид-дия.

Маро ҳам, шӯхӣ кунам, намебинад-дия.

— Ман чеғ мезанам.

— Хайр, чеғназанед, ман дигар шӯхӣ намекунам, бибиҷон — мегуфт дар охир Анвар.

Анвар сахт бовар карда буд, ки милисионер ҳар як бачаи шӯх, якрав ва гирёнчакро гирифта мебарад. Ана аз ҳамин сабаб Анвар милисионерро дида бисёр тарсид.

Аммо ин милисионер ба тарафи ӯ хам шуда бо табассум гуфт:

— Чӣ шуд ба ту, писарам? Чаро гиря мекунӣ?

— Амакҷон, маро ба хонаи торик набаред, — фиқ-фиқ гирякунон илтиҷо кард Анвар. — Дигар шӯхӣ намекунам, пиёларо намешиканам, гапи бибиамро намегардонам...



Милисионер зуд чӣ будани гапро фаҳмид.

— Ман туро ба хонаи торик намебарам, — гуфт ӯ, — ба пеши модарат мебарам. Исто, ки номи ту чӣ?

Аммо Анвар, ки ӯро фақат аз милисионер метарсонданд, фиқ-фиқ мекарду бас.

Милисионер аз дасти Анвар гирифта, пеши пуфакфурӯш бурда, ба ӯ якта пуфаки сурх харида дод. Анвар каме ором шуда ба милисионер гуфт:

— Амакҷон, барои додаракам ҳам якта пуфаки сурх харида диҳед, набошад, аз они маро гирифта даррав мекафонад. Маро ки ба хонаамон бурдед, пулашро падарам медиҳад.

— Не, мон инро ба ту бепул медиҳам, — гуфт милисионер. — Мо акнун ҷӯра мешавем. Ман ҳам худи ту барин писарча дорам. Номаш Содиқҷон. Вай як гала бозича дорад. Ҳозир ба ана ин мошинаи ман савор шуда ба хонаи мо, ба назди Содиқҷон меравем. Ту бо ӯ бозӣ карда мешинӣ ва ман падаратро ҷеғ мезанам.

— Писаратон ҳам милиса мешавад? — пурсид Анвар.

— Не, вай шофёр мешавад…

— Ман ҳам калон шавам, ронанда мешавам, ронандаи таксӣ.

Милисионер, ки вақти кораш тамом шуда, ба сӯйи хонааш мерафт, Анварро ҳам бо худ бурд. Баъд вай ба идораи милитсия телефон карда, ба навбатчӣ гуфт, ки «агар ягон кас кӯдакеро пурсида ба идораи милитсия телефон кунад, номери телефони хонаи маро ба ӯ гӯед».

Вай гӯшаки телефонро ба ҷояш монда ба пеши бачаҳо даромад. Анвару Содиқҷон саргарми бозӣ буданд. Гӯё ки дер боз якдигарро мешинохтанд. Баъд милисионер ба пеши онҳо омада пурсид:

— Шинос шудетон-мӣ?

— Ҳа, — гуфтанд ҳар ду ба як овоз.

— Акнун номатро мегӯйӣ? — пурсид милисионер.

— Номам Анвар, — аз бозӣ сар бардошта гуфт Анвар.

— Насабат чӣ?

— Ман фақат Анвар, насаб надорам — маънои насабро нафаҳмида гуфт Анвар.

— Насаби падарат чӣ?

— Ман ӯро «дада» мегӯям. Очаам бошад «Аҳмадҷон» мегӯяд.

— Хайр, Анвар, гӯй, ки дар хонаатон телефон ҳаст?

— Ҳа, ҳаст. Телефон дорем, радио ҳам дорем, радиои калон, суруд мехонад. Дина падарам як телевизор харид, вай кино нишон медиҳад.

— Номери телефонатонро медонӣ? — пурсид милисионер.

Анвар аввал хомӯш истод, баъд телефони хонаашонро дар пеши назар оварда гуфт:

— Як гала номер дорад: як, ду, се... — вай рақамҳои аз як то нуҳро номбар кард, — ман ҳам ин пагоҳӣ бо телефон ба падарам гап задам. Вай ба даруни телефон даромада буд, ҳамин қадар гуфтам, ки «дадаҷон баро», хандиду набаромад. Телефонамон дар болои миз, ман як рӯз вайрон кардам... Усто омада дуруст кард. Баъд гуфт, ки: — «агар ин дафъа вайрон кунӣ, туро ба милисахона мебарам».

— Хайр, гӯй, ки падарат дар куҷо кор мекунад?

— Дар идора.

— Хонаатон дар куҷо?

— Хонаамон дар пеши хонаи Шодиино. Вай пагоҳ ба хонаи мо мебиёяд. Имрӯз рӯзи таваллуди ман. Бегоҳӣ меҳмонҳо меоянд. Одамҳои калон. Пагоҳ ҷӯраҳои ман. Ман Содикҷонро ҳам мебарам, — гуфт Анвар

Дар ҳамин вакт занги телефон баланд шуд. Навбатчӣ хабар дод, ки «як кас Анвар ном писари сесолаашро гум кардааст. Ман ба ӯ фаҳмондам ва рақами телефони шуморо гуфтам, ҳозир телефон мекунад…»

Милисионер «раҳмат» гуфта гӯшаки телефонро монд. Аз байн чанд сония нагузашта боз телефон шуд. Ин падари Анвар буд…

Вақто ки модари Анвар Анварро дар ҷояш наёфтааст, хуш аз сараш паридааст. Худро ба ҳар тараф зада, ҳар тарафро ҷустуҷӯ кардааст, вале аз Анвар дарак набудааст. Баъд фикр кардааст, ки эҳтимол, Анвар хона рафта бошад ё ки ягон одами шинос ӯро гирифта бурдааст. Бинобар он аввал аз хона хабар гирифтанӣ шудааст. Вале аз хона Анварро наёфта, қариб дил-



каф шудаасту дасту по хӯрда, чӣ кор карданашро надонистааст.

Дар ин вақт падари Анвар аз кор баргашта омадааст. Вай аз воқеа бохабар шуда, зуд ба идораи милитсия телефон кардааст...

Вақте ки падари Анвар ба сардори милитсия «раҳмат» гӯён писарашро гирифта мебаромад, Анвар гуфт:

— Дадаҷон, Содиқҷонро ҳам бо падараш ба хона гирифта мебарем.



— Хайр, писарам, майлаш.

Баъди таклифи бисёре амаки милиса розӣ шуд, ки ба хонаи Анварино рафта каме нишинанд.

Онҳо ҳар чор ба мошинаи амаки милиса нишастанд.

Дар роҳ Анвар аввал ба амаки милиса ва баъд ба падараш нигоҳ карда гуфт:

— Дадаҷон, ман калон шавам, албатта, милиса мешавам, ҳам милиса, ҳам ронанда. Майлаш?

Пагоҳии рӯзи дигар Анвар барвақттар аз хоб хест. Чунки имрӯз ҷӯраҳояш меоянд. Вай онҳоро меҳмондорӣ мекунад, бозӣ мекунанд. Ҷӯраи наваш Содиқҷон ҳам меояд.

Вай аз хурсандӣ дар куртааш намеғунҷад. Ҳар тараф давутоз ва шӯхӣ мекард. Ба кори бибиаш, ки санбӯса мепухт, халал мерасонд.

— Анварҷон, — гуфт бибӣ, — ҷим шин, шӯхӣ накун, ки ҳозир милисаро ҷеғ мезанам!

— Милисаро? — гуфт Анвар. — Амаки милисаамро? Урра!!

*Акобир Шарифӣ*

**Амаки милиса**

Муҳаррир Малика Меликова
Мусаҳҳеҳ Меҳрӣ Саидова
Рассом Ҳусейн Чилаев
Муҳаррири техникӣ Наҷмиддин Зайниддинов
Тарроҳ Қосимхуҷа Назаров

*Китобчаи мазкур бо кумаки мардуми Амрико living бознашр шудааст, ки он аз тариқи Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) расонида мешавад. Мазмун ва мундариҷаи китобча маҳсули муаллиф буда, метавонад бо нуқтаи назари USAID ва Ҳукумати ИМА мувофиқат накунад.*

**Китобча ройгон паҳн мегардад.**

Ба чопаш 03.08.2018 иҷозат дода шуд. Андозаи 60×84 1/16.
Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопӣ 1,0. Адади нашр 5500 нусха.
Супориши № 93/2018.

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50.
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДММ «Полиграф групп» ба табъ расидааст.
ш. Душанбе, к. Ҳувайдуллоев, 113. E-mail: info@polygraph-group.tj

**Китобча ройгон паҳн мегардад.**



9789994715541

МАОРИФ